МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ
ДАВРИ ЯКУМ

# Китобчаи ТЕСТ 2025

**Қисми А.3-1**

**Варианти 3**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Адабиёти тоҷик
- ☑ Забони хориҷӣ

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

> **!** *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*




Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

> **!** *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*




Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

> **!** *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:*




Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!** Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи ***«Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам»*-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

## ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

**Варақаи ҷавобҳоро** ҳатман ба маъмури имтиҳон супоред, онро аз синфхона баровардан **МУМКИН НЕСТ**.

| ! | Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад. |
|---|---|

| ! | Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:<br>• гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;<br>• иваз кардани ҷойи нишаст, китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;<br>• гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;<br>• аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва китобчаи тест (китобчаи тестро танҳо пас аз супоридани варақаи ҷавобҳо ба маъмури имтиҳон бо худ баровардан мумкин аст).<br>Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд. |
|---|---|

| ! | Фаромӯш накунед:<br>• нусхаи электронии варақаи ҷавобҳои Шумо пас аз дастрас шудани варақаҳои ҷавобҳо ба Марказ дар кабинети инфиродиатон гузошта мешавад;<br>• ҷавобҳои дуруст (калид)-и саволу масъалаҳои тести дар имтиҳон истифодашуда **бегоҳи рӯзи имтиҳон** дар сомонаи Марказ (www.ntc.tj) нашр карда мешаванд;<br>• аз натиҷаи имтиҳонҳо ба Шумо рӯзи 21-уми июл хабар медиҳанд. |
|---|---|

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Вазифаи ҳарфи *ӣ*-ро дар калимаи ишорашуда муайян намоед:**
***Сахо кардам ба вақти тангдастиҳо,***
***Баландӣ хостам аз дасти пастиҳо.*** М. Қаноат

A) пасванди исмсоз
B) пасванди сифатсоз
C) пасванди зарфсоз
D) овози таркиби калима

**2** **Бо иваз намудани ҳамсадои аввал бо ҳамсадои ҷуфт маънои кадом калимаҳо тағйир меёбад?**

A) шаб, лаб
B) чап, хап
C) сар, каҷ
D) фан, ман

**3** **Дар байти додашуда имлои кадом калима нодуруст аст?**
***Чашми ман серӣ надорад аз тамошои замин,***
***Хоҳам, аз мади назар н-афтад ягон ҷойи замин.*** Мирзо Турсунзода

A) серӣ
B) мади
C) ҷойи
D) н-афтад

**4** **Ҳаммаъноҳои калимаи *ирода*.**

A) саркаш, якрав
B) азм, ният
C) оҳанин, устувор
D) пурқувват, якрӯй

**5** **Зидмаънои калимаи *сипеҳр*ро муайян кунед:**
***Бар ин достон низ шаб даргузашт,***
***Сипеҳр аз бари хоки тира бигашт.*** Абулқосими Фирдавсӣ

A) дунё
B) муҳит
C) замин
D) остон

**6** **Таъбири "*сангзанро сангшикан бош*" чӣ маъно дорад?**

A) зарбаи ғайри интизорӣ задан ба касе
B) бе раҳму бе шафқат, бе мурувват будан
C) ба зулми душманон сар хам намудан
D) ба озордиҳанда муқобилияти сахт намудан

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
***Хонуми бечора қариб ...*** Ф. Муҳаммадиев

A) аз ақл бегона шуда буд
B) аз ақл бегона буд
C) ақлаш даромад
D) аз ақл берун буд

**8** **Кадоме аз инҳо бо услуби расмӣ (коргузорӣ) навишта шудааст?**

**A)** Мақолаи “Таърихи ҷашни Сада”
**B)** Асари “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ
**C)** Достони “Баргузидани Рустам Рахшро”
**D)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон”Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”

**9** **Кадом калимаҳо исманд?**

**A)** анҷомёфта, иҷрокарда
**B)** сарнавишт, якдилӣ
**C)** парерӯз, пасфардо
**D)** пешқадам, хабаркаш

**10** **Дар ҷумлаи зерин калимаи ишорашуда ба кадом *навъи шумора* тааллуқ дорад?**

***Лекин дар воқеъ ин тавр нашуд, балки дар натиҷаи ҳисоби сари соли нӯҳум Бозор аз Азимшоҳ <u>ҳаштсаду панҷоҳу нӯҳ</u> танга қарздор шуда монд.*** С. Айнӣ

**A)** касрӣ
**B)** таркибӣ
**C)** тахминӣ
**D)** тартибӣ

**11** **Ба ҷойи сенуқта сифати содаро гузоред:**

***Гуфтам:***
***- Агар илм омӯзам, чӣ ёбам?***
***Гуфт:***
***- Агар хурд бошӣ, бузург ва номдор, агар ... бошӣ, тавонгар гардӣ, агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ.*** Абуалӣ ибни Сино

**A)** нодор
**B)** бенаво
**C)** муфлис
**D)** тангдаст

**12** **Дар ҷумлаи зерин *ҷонишини таъйинӣ* кадом аст?**

***Ана ҳамаи ин корҳо хасис набудани Нурмуҳаммад ва аъзои оилаи ӯро, ҳам ба бачагони хурдсол меҳрубон будани онҳоро нишон медод.*** С. Айнӣ

**A)** онҳо
**B)** ин
**C)** ӯ
**D)** ҳама

**13** **Ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Вай ... қадам мезад, раҳораҳ чизе нагуфт.*** А. Самад

**A)** бовиҷдона
**B)** бошуурона
**C)** бошарафона
**D)** андешамандона

**14** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди мувофиқро гузоред:**

***Дар вақтҳои барфборӣ бомҳои ин ҳавлии калонро ... саис ман мерӯфтам.*** С. Айнӣ

**A)** бо
**B)** ба
**C)** дар
**D)** барои

**15** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи *алоқаи вобастагии пешояндӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** ҳайкали ёдгор
**B)** ба сар бардоштан
**C)** гапро ду накардан
**D)** хиҷолат кашидан

**16** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян намоед:**

**A)** Ҳаво бағоят форам буд. С. Айнӣ
**B)** Ӯ саропо ғарқи оби борон буд. С. Турсун
**C)** Пешинӣ тамом қаҳваранг шуд. Аз “Садои Шарқ”
**D)** Вай бо гург “ҷӯра” аст. Аз “Тоҷикистони Советӣ”

**17** **Кадом аъзоҳои ҷумлаи зерин чида шудаанд?**
***Ӯ ба онҳо рози дилашро мегуфтааст, аз сӯзу гудози ишқаш таронаҳо месурудааст.*** Р. Ҳодизода

**A)** мубтадо ва хабар
**B)** хабар ва пуркунанда
**C)** мубтадо ва пуркунанда
**D)** ҳол ва муайянкунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Ман ... бача калон кардам, ки ту манфиаташа бубинӣ?*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** зуд-зуд
**C)** зиста-зиста
**D)** мурда-мурда

**19** **Дар кадом сатр ҷумлаи зерин ба нутқи айнан нақлшуда дуруст баргардонида шудааст.**
***Бузургон гуфтаанд, ки бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.***

**A)** Бузургон гуфтаанд: “Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд”.
**B)** Бузургон гуфтаанд: “-Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд”.
**C)** Бузургон гуфтаанд, ки бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.
**D)** Бузургон гуфтаанд, ки “Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд”.

**20** **Кадом панду ҳикмат аз Низомии Ганҷавист?**

**A)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.
**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.
**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

**21** **Ҷуфти беҷаранги ҳамсадоҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** г | **1)** қ |
| **B)** д | **2)** х |
| **C)** з | **3)** к |
| **D)** ғ | **4)** с |
| | **5)** т |

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Ҳоло ин «дев»-и сиёҳи пурҳайбат ҳам ... карда ва ғалоғула андохта ба болои мо меомад. С. Улуғзода

**B)** Ман аз тарси он ки акнун китобам аз дастам меравад, ... гиря сар кардам. С. Улуғзода

**C)** Аз дунбол садои ...и пойи асп баромад. С. Айнӣ

**D)** Оромии шаби торикро ғайр аз ...-и бедахой ва гоҳе гуп-гупи пойкӯбии аспон чизе халалдор намекард. С. Улуғзода

**1)** ҳиқ-ҳиқ

**2)** тақар-тақар

**3)** хишир-хишир

**4)** фашш-фашш

**5)** ғир-ғир

**23** **Аз калимаҳои додашуда ибораи изофӣ созед:**

**A)** меҳмон

**B)** чеҳра

**C)** дӯст

**D)** умр

**1)** бардавом

**2)** нохонда

**3)** даҳонӣ

**4)** забонӣ

**5)** кушода

**24** **Таҳлили ситаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Ӯ ба ҳамин роҳ бо модар аз деҳа рафта буд.*** К. Мирзоев

**A)** ӯ

**B)** аз деҳа

**C)** бо модар

**D)** рафта буд

**1)** ҳол

**2)** хабар

**3)** мубтадо

**4)** пуркунанда

**5)** муайянкунанда

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Зи нокарданӣ корҳо дур бош,
Хирад подшо кун, ту дастур бош.
Бадеи Балхӣ

**B)** Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.
Ҳофизи Шерозӣ

**C)** Киро симу зар монаду ганҷу мол,
Пас аз вай ба чанде шавад поймол.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Ба гетӣ мазан ҷуз ба некӣ нафас,
Ки ин аст оини некону бас.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Дар дунё танҳо некиро пеша кун, ки ин шеваи ҷавонмардон аст.

**2)** То метавонӣ, некӣ кун, ки пас аз ту некӣ мемонад, на ганҷу мол.

**3)** Ба корҳои нохуб машғул машав, корҳоятро аз рӯйи хирад пеш бар.

**4)** Ҳар кӣ молу сарват дошта бошад, ҳаргиз хор намегардад.

**5)** Дар дунё ба касе некӣ кардӣ, некӣ мебинӣ, бадӣ кардӣ, бадӣ.

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Сухан ба кӣ тааллуқ дорад: *“Ҳангоме ки бечангу ҷидол ба Бобул ворид шудам (539 то милод), ҳамаи мардум қудуми маро ба шодмонӣ пазируфтанд ва дар қасри подшоҳони Бобул ба сари салтанат нишастам”*?**

**A)** Хашиёршоҳ
**B)** Куруши Кабир
**C)** Дориюши Кабир
**D)** Камбуҷӣ

**2** **Ибодатгоҳи зардуштиён чӣ ном дошт?**

**A)** дахма
**B)** куштӣ
**C)** мубад
**D)** оташкада

**3** **Соли 298 сулҳи Нисибин байни кадом давлатҳо имзо шуда буд?**

**A)** давлати Ҳайтолиён ва Ҳоқонати Турк
**B)** империяи Рум ва давлати Ашкониён
**C)** Хилофати Араб ва давлати Сосониён
**D)** давлати Сосониён ва империяи Рум

**4** **Сухан дар бораи чӣ меравад: *“... аз харобаи Абаргар 74 ҳуҷҷати суғдӣ, якто арабӣ ва зиёда аз 400 ашёи моддӣ ба даст омад”*?**

**A)** “хазинаи Амударё”
**B)** бойгонии Деваштич
**C)** бошишгоҳи Кӯлдара
**D)** қалъаи Ҳулбук

**5** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: *“Давлати ... асри IX дар Хуросон таъсис ёфтааст. Асосгузори ин хонадон ... аз ашрофзодагони тоҷики шаҳри қадими Пушанги Ҳирот мебошад”*?**

**A)** Тоҳириён
**B)** Саффориён
**C)** Сомониён
**D)** Ғуриён

**6** **Девони Сомониён, ки ба хариду фурӯши бозор, тарозу, фаъолияти бозаргонон, ҳунармандон ва ахлоқи мардум назорат мекард.**

**A)** амид-ул-мулк
**B)** хоҷаи бузург (вазир)
**C)** муҳтасиб (ҳисба)
**D)** сипоҳ (ориз)

**7** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




**A)** Саффориён

**B)** Темуриёни Ҳинд

**C)** Ғуриён

**D)** Сарбадорони Хуросон

**8** **Дар аҳди Темуриён кадом шаҳрҳо марказҳои муҳимтарини маъмурию фарҳангии давлат буданд?**

**A)** Самарқанд ва Ҳирот

**B)** Кобул ва Нишопур

**C)** Бухоро ва Хуҷанд

**D)** Балх ва Марв

**9** **Кадом воқеа дар замони ҳукмронии амир Олимхон ба амал омада буд?**

**A)** Шӯриши Восеъ

**B)** Исёни Абдумаликтӯра

**C)** Шӯриши Қаландаршоҳ

**D)** Шӯриши Мадали Эшон

**10** ***Хироҷ*** **чист?**

**A)** воҳиди ченак

**B)** андози давлатӣ

**C)** мансаби давлатӣ

**D)** воҳиди маъмурӣ

**11** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***"Дар "Наводир-ул-вақоеъ" чун шоҳиди замон иллатҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва беадолатиҳои ҷамъияти феодалии Бухоро, қафомондагии ҳаёти маданӣ, тарзи шахшудаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, симои манфури арбоби дин ва ғайраро сахт танқид намудааст"*****?**

**A)** Аҳмади Дониш

**B)** Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Шамсиддини Шоҳин

**12** **Харита ҳудуди Осиёи Миёнаро дар кадом давра инъикос мекунад?**




**A)** 1924-1929
**B)** 1920-1924
**C)** 1917-1920
**D)** 1918-1920

**13** **Аввалин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон.**

**A)** Садриддин Айнӣ
**B)** Абулқосим Лоҳутӣ
**C)** Бобоҷон Ғафуров
**D)** Мирзо Турсунзода

**14** **Ҷумҳурии Тоҷикистон узви кадом ташкилот аст?**

**A)** Иттиҳоди Аврупо (ИА)
**B)** Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР)
**C)** Созмони Милали Муттаҳид (СММ)
**D)** Созмони Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН)

**15** **Ҳамасола 24-уми ноябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Ваҳдати миллӣ
**B)** Рӯзи Артиши миллӣ
**C)** Рӯзи Истиқлолият
**D)** Рӯзи Парчами давлатӣ

**16** **Соли 632 кадом солшуморӣ оғоз гардид?**

**A)** ҳиҷрӣ
**B)** григорианӣ
**C)** зардуштӣ
**D)** яздигурдӣ

**17** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *«Дар санаи 4-уми июли соли 1776 Конгресс «Эъломия дар бораи истиқлолият»-и ИМА-ро қабул намуд, ки муаллифи асосии он ... буд»*?**

**A)** Бенҷамин Франклин

**B)** Авраам Линколн

**C)** Томас Ҷефферсон

**D)** Ҷорҷ Вашингтон

**18** **“Нақшаи ГОЭЛРО” чӣ вазифа дошт?**

**A)** татбиқи нақшаи панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқ

**B)** ба амал баровардани сиёсати “коммунизми ҳарбӣ”

**C)** мувофиқа кардани ду шакли моликияти сотсиалистӣ

**D)** сохтмони силсилаи неругоҳҳои барқи обӣ

**19** **Харита воқеияти кадом давраи таърихи Олмонро инъикос мекунад?**

**A)** солҳои баъдиҷангӣ (солҳои 1946-1949)

**B)** давраи бозсозӣ (солҳои 1985-1991)

**C)** Ҷанги дуюми ҷаҳон (солҳои 1939-1945)

**D)** Ҷанги якуми ҷаҳон (солҳои 1914-1918)




**20** **Сухан дар бораи кадом созмон меравад: “*Иттиҳоди ҳарбию сиёсии давлатҳои сотсиалистӣ, ки 14-уми майи соли 1955 баъд аз ба НАТО ворид гардидани ҶФО ташкил ёфта буд. Ба ҳайати он 8 давлат – ИҶШС, Албания, Булғория, Чехословакия ва ҶДО дохил мешуданд. Фаъолияташро 1-уми июни соли 1991 қатъ намуд*”?**

**A)** Созмони Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН)

**B)** Аҳдномаи Бағдод (СЕНТО)

**C)** Созмони Шартномаи Варшава (СШВ)

**D)** Созмони Муоҳидаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)

**21** **Мувофиқати ёдгории меъморӣ ва макони ҷойгиршавии онро муайян кунед:**

**A)** мақбараи Хоҷа Машхад

**B)** мақбараи Куруши Кабир

**C)** мақбараи Сайид Алии Ҳамадонӣ

**D)** мақбараи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**1)** Шаҳритус

**2)** Посоргод

**3)** Кӯлоб

**4)** Панҷакент

**5)** Бухоро

**22** **Мувофиқати сана ва воқеаро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** 1-уми августи соли 1914 | **1)** оғози шӯриш дар Хуҷанд |
| **B)** 4-уми июли соли 1916 | **2)** ғалабаи шӯриш дар Тошканд |
| **C)** 1-уми ноябри соли 1917 | **3)** инқилоб дар Русия |
| **D)** 25-уми октябри соли 1917 | **4)** оғози Ҷанги якуми ҷаҳон |
| | **5)** Шӯриши Усмон |

**23** **Мувофиқати мафҳум ва шарҳи онро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** вазъи ҳарбӣ | **1)** ҳолате, ки дар он қоидаву қонунҳои ҷанг амал мекунанд |
| **B)** сотсиализм | **2)** ҳокимияти номаҳдуди синфи коргар |
| **C)** диктатураи пролетариат | **3)** низоми иҷтимоӣ |
| **D)** босмачигарӣ | **4)** ҳаракати мусаллаҳонаи зиддишуравӣ |
| | **5)** ҳизби сиёсӣ |

**24** **Мувофиқати воқеа ва давлатро муайн кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** ғалабаи инқилоби сотсиалистӣ бо сарварии Фидел Кастро | **1)** Русия |
| **B)** “Ҳаракати 30-юми май” | **2)** Эрон |
| **C)** ба сари ҳокимият омадани сулолаи Паҳлавӣ | **3)** Куба |
| **D)** ҳаракати Гусиён | **4)** Чин |
| | **5)** Чехия |

**25** **Воқеае, ки сухан дар борааш меравад, кадом сол ба амал омада буд: *“Соли ... ҳукмронии Тоҳириён дар Хуросону Мовароуннаҳр ва қисми шарқии Эрон ба охир расид ва ба ҷойи онҳо сулолаи Саффориён ба сари қудрат омад”*?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**26** ***«Сардори давлат … аст. Ҳукми ҳаёту мамоти аҳолии шаҳру деҳоти мамлакат дар ихтиёри ӯст ва амалёти ӯро дар ин боб танҳо қонунҳои исломӣ, ки аз рӯйи Қуръон амал мекунанд, маҳдуд мекунад».***




**Мансабе, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар нақша бо кадом рақам ишора шудааст?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**1** **Суруди халқии “Таронаи бофандагон” дар кадом мавзуъ суруда шудааст?**

**A)** кору зиндагӣ ва орзуҳои ширини бофандагон
**B)** самимият дар кор ва орзуву омоли бофандагон
**C)** азоби рӯзгор, вазнинии кор ва беқадрии касби бофандагӣ
**D)** дур аз ёру диёр, дар бенавоию нодорӣ зиндагӣ кардани бофандагон

**2** **Вобаста ба ин рубоӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом ҷумла дуруст аст?**

***Ёри мана бин, кимхову бахмалпӯш аст,***
***Дар хондану кор ғайраташ дар ҷӯш аст.***
***Мафтуни чунин нигор бошам ҳама умр,***
***К-андар раҳи ободӣ ба ман ҳамдӯш аст.***

**A)** Дар ин шеър тасвири зебоӣ ва ободии Ватан дида мешавад.
**B)** Дилбаре, ки дар кору зиндагӣ пурталош аст, ситоиш шудааст.
**C)** Аз душвории рӯзгори ҳунармандон дар гузашта нақл мекунад.
**D)** Гӯянда дилбарашро ба кору фаъолияти бештар даъват кардааст.

**3** **Намунаи барҷастаи таърихнигорӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Таърихи Байҳақӣ”-и Абулфазли Байҳақӣ
**B)** “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддини Фазлуллоҳ
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**4** **Зиндагии Саъдии Шерозӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ баробар омадааст?**

**A)** забткории арабҳо
**B)** истилои муғулҳо
**C)** забткории салҷуқиҳо
**D)** истилои шайбониҳо

**5** **Маънои луғавии кадом санъат “ишора ва нигоҳи сабук ба сӯи чизе” аст?**

**A)** маҷоз
**B)** талмеҳ
**C)** ташбеҳ
**D)** истиора

**6** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Ватан меҳрат ба дил азбаски ҷо шуд,***
***Дилам аз хуррамӣ чун ғунча во шуд.*** Мирзо Турсунзода

**A)** талмеҳ
**B)** тавсиф
**C)** истиора
**D)** ташбеҳ

**7** **“Шоҳнома”-и Дақиқиро боз бо кадом ном мешиносанд?**

**A)** “Гаршоспнома”
**B)** “Луҳроспнома”
**C)** “Гуштоспнома”
**D)** “Ҷомоспнома”

**8** **Номи писарони Фаридун, ки сарзаминашро байни онҳо тақсим намуд (мувофиқи ривояти “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ):**

**A)** Ковус, Гев, Тӯс
**B)** Салм, Тур, Эраҷ
**C)** Бежан, Сиёвуш, Фуруд
**D)** Манучеҳр, Эраҷ, Сом

**9** **Дар байт калимаи “суффа” чӣ маънӣ дорад?**
***Ин аст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ бурдӣ,***
***Бар шери фалак ҳамла шеритани Шодурвон.*** Хоқонии Шервонӣ

**A)** ҷои нишасти аз замин баландтар
**B)** макони зиндагии шоҳону амирон
**C)** ҷои махсуси бозӣ барои кӯдакон
**D)** майдони махсус барои аспдавонӣ

**10** **Асадии Тӯсӣ ғайр аз навиштани достони паҳлавонӣ ва қасидаҳои мунозира боз чӣ хидмати арзандае ба адабиёту фарҳанг кардааст?**

**A)** навиштани аввалин “Шоҳнома”-и манзум ба забони порсии дарӣ
**B)** навиштани “Шоҳнома” бо хоҳиши Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ
**C)** таълифи куҳантарин луғати тафсирии забони форсии тоҷикӣ – “Луғати фурс”
**D)** ба назм баргардонидани “Гаршоспнома”-и мансури Абулмуайяди Балхӣ

**11** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**
***Ҷаҳд кун то сухан ба ҷойгоҳ гӯӣ, ки сухани на бар ҷойгоҳ агарчи хуб бошад, зишт намояд. Ва аз сухани бефоида дурӣ гузин, ки сухани бесуд ҳама зиён бошад ва сухан, ки аз вай бӯи дурӯғ ояд ва бӯи ҳунар наояд, ногуфта беҳтар.***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ
**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ
**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**12** **Дар рубоии Ҷалолиддини Балхӣ ба кадом мавзуъ ишора шудааст?**
***Бедор шав, эй дил, ки ҷаҳон мегузарад***
***В-ин мояи умр ройгон мегузарад.***
***Дар манзили тан махуспу ғофил манишин,***
***К-аз манзили умр корвон мегузарад.***

**A)** бевафоии маъшуқ ва шикояти ошиқ аз дурии ӯ
**B)** зудгузар будани умр ва ғанимат шуморидани вақт
**C)** ба ҳамроҳии сорбон ва корвон ба сайру саёҳат рафтан
**D)** ройгон будани хоб ва душвор будани хестан дар вақти саҳар

**13** **Мавзуи байт чист?**

***Ба хорӣ мангар, эй мунъим, заифону наҳифонро,***
***Ки садри маҷлиси ишрат гадои раҳнишин дорад.*** Ҳофизи Шерозӣ

**A)** ситоиши саховату дасткушодӣ

**B)** васфи ҷавонмардию авфи хато

**C)** тарғиби муҳаббату дӯстӣ

**D)** даъват ба хоксорию фурутанӣ

**14** **Ҷумлаи дуруст дар бораи "Бӯстон"-и Саъдии Шерозиро интихоб кунед.**

**A)** "Бӯстон" асарест мураттаб аз шеър ва наср.

**B)** "Бӯстон" асари мунозиравӣ дар бораи хайру шар аст.

**C)** "Бӯстон" асари манзумест иборат аз даҳ боб.

**D)** "Бӯстон" асари мансурест иборат аз ҳикояҳои ҷолиб.

**15** **Идомаи мантиқии мисраи Саййидои Насафиро муайян кунед:**

***Гаштаам аз фоқа ҳамчун тири бепар гӯшагир,***
**.........................................................................**

**A)** Рӯзу шаб шармандагӣ аз обу нон бошад маро.

**B)** Хонаҳои хушку холӣ чун камон бошад маро.

**C)** Хона ҳамчун дорбоз аз ресмон бошад маро.

**D)** Пораҳо бар дӯш аз барги хазон бошад маро.

**16** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Гуфтам: - Эй сайёҳи ҳинди кобулӣ,***
***Кӯдаки хурдию дар хукми гулӣ.***
***Ҷисми хурдатро ба пушти Ҳиндукӯш,***
***Кӣ ҳаво дод, аз чӣ мегардӣ хамӯш?***

**A)** Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Ҳабиб Юсуфӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**17** **Садриддин Айнӣ бо сухани зерин ба кадом масъала ишора намудааст?**

***"Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаиди (*****омодаи*****) болоравӣ буд."***

**A)** пайравии Туғрал ба услуби нигориши Бедил

**B)** рангорангии мавзуи ашъори Туғрал

**C)** содаву равониии забони ашъори Туғрал

**D)** ҳунари волои шоирӣ ва услуби хоси эҷодии Туғрал

**18** **Кадом зарбулмасал(мақол) ба байти зерин рабт дорад?**

***Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,***
***Сӯи кӯҳ ояд нидоҳоро садо.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Бодовардаро бод мебарад.
**B)** Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак.
**C)** Аз мукофоти амал ғофил машав.
**D)** Ҳусни худододаро ҳоҷати машшота нест.

**19** **Аз рӯйи матни зерин муайян намоед, ки сухан дар бораи кадом симои асари “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода меравад:**

***“Падараш дар пирсолагӣ ба Самарқанд баргашт, дар деҳаи Ревдод, ки зодгоҳаш буд, сукунат ихтиёр кард.***

***Фарзанди даштҳои беканор ва кӯҳҳои баланд – ... ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас.”***

**A)** Виркан
**B)** Ревахшиён
**C)** Нуфарн
**D)** Ёдхишетак

**20** **Хулосаи муносиби байтро интихоб кунед:**

***Чун ҷуфти кабӯтаре бубинам дар бом,***
***Ҳамлонаю ҳамзабон хушам меояд.*** Лоиқ Шералӣ

**A)** Аз дидани фазои сулҳу дӯстӣ хотири шоир шод мегардад.
**B)** Сохтани лона барои парандагон кори нек шуморида шудааст.
**C)** Шоир шунидани садои парандагонро дӯст медоштааст.
**D)** Тамошои кабӯтарҳо илҳоми шоирро бедор мекардааст.

**21** **Жанри асарҳои халқиро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Эраҷи тилисмшикан” | **1)** ривоят |
| **B)** “Луқмони Ҳаким” | **2)** латифа |
| **C)** “Абдуллохон чӣ мегирад?” | **3)** афсона |
| **D)** “Шӯриши Восеъ” | **4)** суруд |
| | **5)** дубайтӣ |

**22** **Мувофиқатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Абдурраҳмони Ҷомӣ | **1)** Баъд аз нооромиҳо дар зодгоҳаш ба Мовароуннаҳр муҳоҷират кардааст. |
| **B)** Алишери Навоӣ | **2)** Асари “Ҳафт авранг” аз ӯст. |
| **C)** Ҳофизи Шерозӣ | **3)** Адибест, ки ба ду забон шеър гуфтааст. |
| **D)** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ | **4)** Ӯро “Лисон-ул-ғайб” унвон додаанд. |
| | **5)** Ӯро асосгузори жанри рубоӣ медонанд. |

**23** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Зи бисёрдонон фаросат гувост,
Ки бисёргӯй аз фазилат ҷудост.

**B)** Он кас, ки чу гул дурӯй бошад,
Дар вай зи вафо чӣ бӯй бошад?

**C)** Макун ваъда в-агар кардӣ, вафо кун,
Тариқи бевафоиро раҳо кун.

**D)** Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда.

**1)** Ҳама медонанд, ки ному ёди инсонҳои огоҳу донишманд ҳамеша зинда хоҳад буд.

**2)** Ба касе чизе қавл надеҳ, агар додӣ, ҳатман иҷро намо ва аз одамони бадаҳд набош.

**3)** Барои расидан ба ҳадафҳоят бояд талош кунӣ. Муваффақият ба касе аз осмон намерасад.

**4)** Инсони пурҳарф аз донишу хирад дур ва шахси донишманд бофаҳму дарк аст.

**5)** Касе, ки шахсияти ягона надорад, дар ӯ аз садоқату вафо ҳам нишоне нест.

**24** **Мавзуи шеърҳои Пайрав Сулаймониро муайян кунед:**

**A)** “Тахти хунин”

**B)** “Ба тахтнишин”

**C)** “Асира ё худ исён”

**D)** “Фироқнома”

**1)** рӯзгори занон ва мавқеи иҷтимоии онҳо

**2)** мазаммати зулму истибдод ва поймолкунандагони ҳуқуқи инсон

**3)** манзараҳои истибдоди охирин амири Бухоро

**4)** васфи маҳбуба ва тасвири ҳолати ногувори ошиқ

**5)** ёди рӯзгори гузашта ва даврони зебои ҷавонӣ

**25** **Муайян намоед, ки масъалаҳои зерин дар кадом асар таҳлилу баррасӣ шудаанд:**

**A)** Маънавиёти баланди падарон, пайванди наслҳо ва талош ба муқобили муфтхӯрию ҳаромкорӣ

**B)** Ҳаёт ва фаъолияти Ҳунарманди халқии ҶШС Тоҷикистон Туҳфа Фозилова

**C)** Воқеаҳои таърихии Бухорои ибтидои асри XX ва рӯзгори душвори занони тоҷик дар ин давра

**D)** Мухолифати табақавии мардуми тоҷик дар солҳои бистуму сиюми асри XX, зиндагии фоҷиабори онҳое, ки бо Ҳукумати Шӯравӣ муросо карда натавонистанд

**1)** “Одамони куҳна”-и Фазлиддин Муҳаммадиев

**2)** “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ

**3)** “Ситораҳои сари танӯр”-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ

**4)** “Гули бодом” -и Ҷалол Икромӣ

**5)** “Се рӯзи як баҳор”-и Саттор Турсун

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Woman Astronaut**

A US astronaut, Christina Koch, spent 328 days in space which is a record for a female astronaut. She completed her mission, landing in Kazakhstan.

Her time in space allows researchers to study the effects of a long-term spaceflight on the female body. NASA said that the findings will help the agency during its future missions to the moon and Mars.

Koch concluded six space walks and she helped the International Space Station with more than 100 experiments. She studied how plants grow or how fire reacts in space. The experiments will help NASA to study human viability outside Earth.

**1** **Christina Koch is an …**

**A)** NASA expert
**B)** Mars traveler
**C)** American cosmonaut
**D)** Kazakh astronaut

**2** **Christina Koch spent about … in space.**

**A)** a decade
**B)** a year
**C)** eleven months
**D)** six months

**3** **Christina Koch … her mission in Kazakhstan.**

**A)** started
**B)** followed
**C)** opened
**D)** finished

**4** **Koch's spaceflight allows … to study the effects of space on the female body.**

**A)** cosmonauts
**B)** scientists
**C)** missioners
**D)** astronauts

**5** **Koch went into … space six times.**

**A)** outer
**B)** close
**C)** open
**D)** near

**6** **More than one … experiments were made by Christina Koch.**

**A)** billion
**B)** thousand
**C)** million
**D)** hundred

**7** **The results of … will help NASA's future missions in space.**

**A)** search
**B)** research
**C)** approach
**D)** overcoach

**8** **The story is about space …**

**A)** population
**B)** corporation
**C)** cooperation
**D)** investigation

**Read the text and choose the right answer 9-16.**
**A Famous Chocolate Factory**

There is a famous chocolate factory __**9**__ Switzerland. It __**10**__ chocolate that is loved by many people around __**11**__ world. The factory uses only the __**12**__ ingredients **and has been __13__** chocolate for over 100 years. The __**14**__ of the factory, Jean-Pierre, started __**15**__ business with a small shop. He wanted to make chocolate that __**16**__ different from other chocolates. Today, the factory is still family-owned, and Jean-Pierre's grandchildren work there.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | **A)** at | **B)** on | **C)** in | **D)** by |
| **10** | **A)** make | **B)** made | **C)** makes | **D)** making |
| **11** | **A)** - | **B)** the | **C)** an | **D)** a |
| **12** | **A)** good | **B)** the best | **C)** better | **D)** best |
| **13** | **A)** makes | **B)** made | **C)** make | **D)** making |
| **14** | **A)** factory | **B)** chocolate | **C)** people | **D)** founder |
| **15** | **A)** he | **B)** him | **C)** himself | **D)** his |
| **16** | **A)** are | **B)** was | **C)** were | **D)** to be |

**17** **When I … short of money I ask my parents for help.**

**A)** to be
**B)** am
**C)** were
**D)** is

**18** **They must … They have been working all day.**

**A)** to tired
**B)** to be tired
**C)** be tired
**D)** tired

**19** **He is getting smarter because he… hard.**

**A)** sleeps
**B)** rests
**C)** eats
**D)** studies

**20** **She spoke in a very low voice, but I … understand what she said.**

**A)** can
**B)** could
**C)** has to
**D)** must

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** treatment | **1)** the act, process, or result of developing |
| **B)** environment | **2)** the act of treating someone or something |
| **C)** management | **3)** the surroundings in which a person, animal, or plant lives |
| **D)** development | **4)** the process of paying someone |
| | **5)** the act or art of managing |

**22** **Match the words in Column A with their synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** chance | **1)** effect |
| **B)** success | **2)** possibility |
| **C)** result | **3)** wisdom |
| **D)** goal | **4)** aim |
| | **5)** achievement |

**23** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** adventure | **1)** a day or period of celebration |
| **B)** pleasure | **2)** a feeling of happy satisfaction and enjoyment |
| **C)** festival | **3)** an unusual and exciting or daring experience |
| **D)** travel | **4)** the way of getting knowledge |
| | **5)** the action of travelling |

**24** **Match the words in Column A with their antonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** expensive | **1)** empty |
| **B)** ancient | **2)** cheap |
| **C)** hard | **3)** soft |
| **D)** full | **4)** heavy |
| | **5)** modern |

**25** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** This building is quite ancient, | **1)** written with such depth that it keeps you engaged from start to finish. |
| **B)** The forest is incredibly peaceful, | **2)** but I can't follow it. |
| **C)** This novel is captivating, | **3)** filled with the sounds of nature. |
| **D)** The advice is good, | **4)** constructed with aged brickwork that adds to its historic charm. |
| | **5)** in reading books and going to the theatre. |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1-8.**

**Das dankbare Mäuschen**

Ein Mäuschen fiel einmal in einen Kübel. Es piepste kläglich. Da kam ein Elefant und zog es heraus.

„Ich danke dir, Elefant. Du hast mir das Leben gerettet. Ich werde dir meine Dankbarkeit beweisen", sagte das Mäuschen. „Du bist nichts als eine kleine Maus. Wie willst du das machen?" lachte der Elefant.

Einige Zeit danach fingen Jäger den Elefanten und fesselten ihn mit einem Seil. Dann erwarteten sie den Morgen.

Der Elefant lag traurig und erwartete sein Ende. Auf einmal erschien das Mäuschen. Es zernagte das Seil, bevor der Tag anbrach, und der Elefant war frei.

(Mamedbejli W.Ch. Deutsche Grammatik 5-6)

**1** **Ein Mäuschen fiel einmal … .**

**A)** in einen See
**B)** in ein Loch
**C)** in einen Eimer
**D)** in eine Vase

**2** **Das Mäuschen piepste … .**

**A)** freudig
**B)** glücklich
**C)** jämmerlich
**D)** erfreulich

**3** **… zog das Mäuschen heraus.**

**A)** Eine Maus
**B)** Keiner
**C)** Ein Mensch
**D)** Ein Elefant

**4** **Das Mäuschen … Elefanten.**

**A)** träumte von dem
**B)** bedankte sich bei dem
**C)** war böse auf den
**D)** war unzufrieden mit dem

**5** **Einige Zeit danach geriet der Elefant … .**

**A)** in Streit
**B)** in Vergessenheit
**C)** in Gefahr
**D)** in einen Regen

**6** **Die Jäger warteten auf … .**

**A)** den Nachmittag
**B)** die Nacht
**C)** den Abend
**D)** den Tagesanbruch

**7** **Wer befreite den Elefanten?**

A) niemand
B) das Mäuschen
C) ein Mensch
D) ein Jäger

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

A) um die Freundschaft zwischen Menschen und Tieren
B) um einen Elefanten und einen Jäger
C) um einen Jäger
D) um ein dankerfülltes Mäuschen

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9-16.**

**Endlich am Meer**

Heute Morgen sind sie angekommen, nach __**9**__ langen Fahrt durch die ganze Nacht. Doch von Müdigkeit ist bei den Zwillingen Mia und Finn nichts zu merken. Obwohl die Mutter gerne die beiden Koffer auspacken würde, lässt sie sich überreden, gleich __**10**__ Meer zu gehen. Mia und Finn schnappen sich __**11**__ Badesachen und rennen schon einmal voraus. __**12**__ sind jedes Jahr am selben Urlaubsort und kennen den __**13**__ auswendig. Noch bevor sie __**14**__ Meer sehen, können sie es __**15**__: die Rufe der Seemöwen und das Jauchzen der __**16**__ Kinder. Irgendwie fühlen sich sogar Mund und Lippen anders an als sonst, salziger und trockner.

(Deutsch 5. bis 10. Klasse. Duden, 150 MP3-Diktate.Dudenverlag Berlin. Mannheim. Zürich.2013)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) eine | B) eines | C) einer | D) ein |
| 10 | A) beim | B) am | C) ans | D) im |
| 11 | A) ihres | B) ihre | C) ihr | D) ihrem |
| 12 | A) Du | B) Er | C) Ich | D) Sie |
| 13 | A) Wegs | B) Weges | C) Wege | D) Weg |
| 14 | A) den | B) des | C) der | D) das |
| 15 | A) hörst | B) hörtest | C) hörte | D) hören |
| 16 | A) anderes | B) anderen | C) anderer | D) andere |

**17** **… meiner Freizeit beschäftige ich mich mit Kunst.**

A) Ans
B) In
C) Zur
D) Beim

**18** **Warum … Suhrob und Umed nicht mit dem Bus?**

A) fuhrst
B) fahre
C) fahren
D) fährst

**19** **… ist ein Handwerker, der Backwaren wie Brot, Kuchen usw. herstellt.**

**A)** Ein Friseur
**B)** Ein Pilot
**C)** Ein Gärtner
**D)** Ein Bäcker

**20** **Wo … ich umsteigen?**

**A)** musst
**B)** muss
**C)** mussten
**D)** müssen

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wochenendreise | **1)** Ufer eines Flusses |
| **B)** Flussbrücke | **2)** kurze Reise am Samstag und Sonntag |
| **C)** Urlaubszeit | **3)** Brücke, die über einen Fluss führt |
| **D)** Flussufer | **4)** Sonne, die hell scheint |
| | **5)** Zeit, in der die meisten Menschen Urlaub haben |

**22** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Pilotin | **1)** Händlerin |
| **B)** Malerin | **2)** Flugkapitänin |
| **C)** Kauffrau | **3)** Arbeitnehmerin |
| **D)** Lyrikerin | **4)** Poetin |
| | **5)** Kunstmalerin |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wer ist dein Lieblingssportler? | **1)** Aus Tadschikistan. |
| **B)** Welchen Sport treibt er? | **2)** Hammerwurf. |
| **C)** Woher kommt er? | **3)** Dilschod Nasarow. |
| **D)** Wie alt ist er? | **4)** Gesund und nett. |
| | **5)** 43 Jahre. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** 4:15 Uhr | **1)** Es ist Viertel vor fünf. |
| **B)** 4:25 Uhr | **2)** Es ist Viertel nach vier. |
| **C)** 4:05 Uhr | **3)** Es ist fünf (Minuten) nach vier. |
| **D)** 4:45 Uhr | **4)** Es ist fünf (Minuten) vor fünf. |
| | **5)** Es ist fünf (Minuten) vor halb fünf. |

**25** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Ich | **1)** du von einem Urlaub in der Sonne. |
| **B)** Unsere Freunde | **2)** seinem Haus zufrieden? |
| **C)** Manchmal träumst | **3)** sind sehr freundlich und ihre Kinder sind auch sehr nett. |
| **D)** Ist dein Neffe mit | **4)** habe in den Ferien an einer Hochzeit teilgenommen. |
| | **5)** beschäftigst er sich? |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Les amis devenus la famille**

Cette histoire est sur deux hommes de Hawaii. Ils se sont rencontrés à l'école il y a 60 ans et sont devenus les meilleurs amis dans la vie.

Ils ont commencé à étudier récemment leur famille, et ils ont appris qu'ils ont une même mère biologique! Toutes ces années ils étaient les amis, mais ils ne savaient jamais qu'ils étaient une famille.

Les frères ont dit cette nouvelle aux gens dans une soirée, deux jours avant le Noël. Ils ont dit qu'ils veulent passer le reste de leur vie ensemble.

**1** **Deux hommes se sont rencontrés pour la première fois ... .**

**A)** à une soirée
**B)** à une anniversaire
**C)** à l'école
**D)** à la maison

**2** **Les hommes ont étudié dans une école il y a ... ans.**

**A)** soixatième
**B)** six
**C)** soixante
**D)** seize

**3** **Les hommes ont commencé à étudier leur ... .**

**A)** continuité
**B)** disparité
**C)** amitié
**D)** parenté

**4** **Après l'étude on a été prouvé que les hommes sont ... .**

**A)** les amis
**B)** les frères
**C)** les cousins
**D)** les retraités

**5** **Les meilleurs amis … qu'ils étaient les parents.**

**A)** connaissaient jamais
**B)** connaissaient aussi
**C)** ne savaient jamais
**D)** connaissaient souvant

**6** **Les frères ont raconté cette histoire aux gens dans une soirée ... .**

**A)** avant une soirée
**B)** après une soirée
**C)** après le Noël
**D)** avant le Noël

**7** **Les frères vont passer ... ensemble.**

**A)** leur voyage
**B)** le reste de leur vie
**C)** leur commerce
**D)** le congé

**8** **De quoi s'agit-il dans ce texte ?**

**A)** Des années à l'école.
**B)** Des plans d'avenir.
**C)** Des nouvelles récentes.
**D)** Des tournants de la vie.

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**

**Voyage après le congé**

Aujourd'hui la vie __**9**__ voyage est impossible. Après une année du travail les gens __**10**__ leur congé, et __**11**__ ne veulent pas le passer à la maison. Ils veulent __**12**__, éprouver quelque chose nouveau et goûter les plats extraordinaires. C'est pourquoi ils veulent passer __**13**__ congé à l'étranger, à __**14**__ autre ville, à la mer ou dans les montagnes.

D'habitude les gens __**15**__ leur voyage d'avance. On peut réserver les billets et les chambres d'hôtel par l'internet ou par les bureaux touristiques. Pour faire un voyage à l'étranger les gens __**16**__ du passeport pour l'étranger, de l'assurance-maladie et parfois aussi du visa.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** de | **B)** avec | **C)** sans | **D)** à |
| 10 | **A)** reçois | **B)** reçoit | **C)** reçoivent | **D)** recevons |
| 11 | **A)** nous | **B)** ils | **C)** elle | **D)** vous |
| 12 | **A)** se repose | **B)** repose | **C)** reposent | **D)** se reposer |
| 13 | **A)** son | **B)** leurs | **C)** ses | **D)** leur |
| 14 | **A)** un | **B)** des | **C)** les | **D)** une |
| 15 | **A)** planifiez | **B)** planifies | **C)** planifie | **D)** planifient |
| 16 | **A)** regardent | **B)** ont besoin | **C)** a besoin | **D)** cherchent |

**17** **L'année prochaine mes enfants ... leurs études secondaires.**

**A)** avons terminé
**B)** termineront
**C)** terminerons
**D)** ont terminé

**18** **Cette année nous avons terminé ... études secondaires.**

**A)** leur
**B)** notre
**C)** nos
**D)** leurs

**19** **Ce monsieur a 36 ans, il est ... .**

**A)** très jeune
**B)** très vieux
**C)** vieux
**D)** encore jeune

**20** **Salim ... l'autobus dix minutes, mais il n'est pas venu.**

**A)** attends
**B)** a attendu
**C)** est attendu
**D)** attendra

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Alexandre Dumas | **1)** chemiste |
| **B)** Pierre Curie | **2)** écrivain |
| **C)** Omar Khayâm | **3)** physicien |
| **D)** Louis Pasteur | **4)** ingénieur |
| | **5)** poète |

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** La mer est plus grande | **1)** que les nuits. |
| **B)** La rivière est plus petite | **2)** que la rivière. |
| **C)** En hiver les jours sont plus courts | **3)** que l'hiver. |
| **D)** En été les nuits sont plus courtes | **4)** que les jours. |
| | **5)** que la mer. |

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Elle *est allée* à la fabrique. | **1)** Futur simple |
| **B)** Pierre *aimait* sa mère. | **2)** Imparfait |
| **C)** Madina *sera* médecin. | **3)** Passé composé |
| **D)** Le petit Anvar *peut* lire. | **4)** Plus-que-parfait |
| | **5)** Présent |

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Cette jeune fille est belle, | **1)** à l'école ? |
| **B)** Il te plaît | **2)** n'est-ce pas? |
| **C)** Qu'est-ce qu'il y a | **3)** sur la table ? |
| **D)** Pourquoi tu ne vas pas | **4)** du cinéma ? |
| | **5)** ce film ? |

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** beaucoup | **1)** pire |
| **B)** ami | **2)** passif |
| **C)** mieux | **3)** ennemi |
| **D)** actif | **4)** peu |
| | **5)** très |

**إقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 1-8.**

**جُحا وَ النّاسُ**

- رَكِبَ جُحا و إبْنُهُ حِماراً. نَظَرَ شَخْصٌ وَ قالَ: الرَّجُلُ وَ اِبْنُهُ فَوْقَ الْحِمارِ..؟ حِمارٌ مِسْكِينٌ...
- سَمِعَ جُحا فَنَزَلَ. نَظَرَ شَخْصٌ ثانٍ وَ قالَ: الْإبْنُ يَرْكَبُ وَ الْأَبُ يَمْشِي...؟ !
- سَمِعَ جُحا فَقالَ لِإبْنِهِ: إنْزِلْ أَنْتَ وَ أَرْكَبُ أنا.
- نَظَرَ شَخْصٌ ثالِثٌ وَ قالَ: الصَّغِيرُ يَمْشِي وَ الْكَبِيرُ يَرْكَبُ...؟!
- نَزَلَ جُحا وَ مَشَى مَعَ إبْنِهِ خَلْفَ الْحِمارِ. نَظَرَ شَخْصٌ رابِعٌ وَ ضَحِكَ. نظَرَ جُحا إلَى إبْنِهِ وَ ضَحِكَ. وَ نَظَرَ الْإبْنُ إلَى الْأَبِ وَ ضَحِكَ. جُحا يَمْشِى وَ إبْنُهُ يَمْشِى وَ الْحِمارَ لا يَرْكَبُهُ أَحَدٌ !!

---

**1** **ماذا رَكِبَ جُحا وَ إبْنُهُ؟**

A) رَكِبا قِطاراً

B) رَكِبا جَمَلاً

C) رَكِبا حِماراً

D) رَكِبا سَيّارَةً

---

**2** **لماذا قالَ الشَّخْصُ الْأَوَّلُ الَّذى رَأَى جُحا إنَّ الْحِمارَ مِسْكِينٌ؟**

A) لِأَنَّ الْأَبَ يَرْكَبُ وَ الْإبْنَ يَمْشِى

B) لِأَنَّ الْإبْنُ يَرْكَبُ وَ الْأَبُ يَمْشِى

C) لِأَنَّ الْحِمارَ ضَعِيفٌ

D) لِأَنَّ جُحا وَ إبْنُهُ يَرْكِبانِ الْحِمارَ

---

**3** **لماذا تَعَجَّبَ الشَّخْصُ الثّانِىُّ مِنْ جُحا وَ إبْنِهِ؟**

A) لِأَنَّ الْحِمارَ كانَ يَتَأَلَّمُ

B) لِأَنَّ جُحا وَ إبْنُهُ يَرْكَبانِ الْحِمارَ

C) لِأَنَّ الْإبْنَ كانَ يَرْكَبُ وَ الْأَبُ يَمْشِى

D) لِأَنَّ الْأَبُ يَرْكَبُ وَ الْإبْنُ يَمْشِى

**4** **ماذا فَعَلَ جُحا عِنْدَما سَمِعَ كَلامَ الشَّخْصِ الثّانِی؟**

A) رَكِبَ الْحِمارَ مَعَ إِبْنِهِ

B) أَنْزَلَ إِبْنَهُ وَ رَكِبَ الْحِمارَ

C) تَرَكا الْحِمارَ فارِغاً

D) ضَرَبا الْحِمارَ ضَرْباً شَدِيداً

**5** **ما قَوْلُ الشَّخْصِ الثّالِثِ عَنْ جُحا وَ إِبْنِهِ؟**

A) كَيْفَ يَمْشِی الرَّجُلُ وَ إِبْنُهُ وَ يَتْرُكانِ الْحِمارَ

B) كَيْفَ يَرْكَبُ الْإِبْنُ وَ يَمْشِی الرَّجُلُ

C) كَيْفَ يَرْكَبُ الرَّجُلُ وَ يَمْشِی إِبْنُهُ

D) كَيْفَ يَرْكَبُ الرَّجُلُ وَ إِبْنُهُ الْحِمارَ

**6** **لماذا ضَحِكَ الشَّخْصُ الرّابِعُ؟**

A) لِأَنَّ الرَّجُلُ وَ إِبْنُهُ يَرْكَبانِ الْحِمارَ

B) لأَنَّ الرَّجُلُ يَرْكَبُ وَ الْإِبْنُ يَمْشِی

C) لِأَنَّ الْإِبْنُ يَرْكَبُ وَ الرَّجُلُ يَمْشِی

D) لِأَنَّ الرَّجُلُ وَ إِبْنُهُ يَمْشِيانِ وَ يَتْرُكانِ الْحِمارَ خالِياً

**7** **ماذا تَسْتَفِيدُ مِنْ هَذِهِ القِّصَّةِ؟**

A) إِحْتِرامُ الْأَبِ لِإِبْنِهِ

B) رَحْمَةُ الرَّجُلِ مَعَ إِبْنِهِ

C) إِحْتِرامُ الْإِبْنِ لِلْأَبِ

D) رِضا النّاسِ جَمِيعاً أَمْرٌ صَعْبٌ

**8** **مَنْ هُوَ جُحا فِی الطَّرائِفِ التّاجِيكِيَّةِ؟**

A) عَلِی يُوسُف

B) مُحَمَّدْ عَلِی

C) أَحْمَدْ جان

D) أَفَنْدِی

**إقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 16-9.**

## فُصْلُ الصَّيْفِ و الخَرِيفِ

السَّنَةُ __9__مِنْ فُصُولِ الصَّيْفِ وَٱلخَريفِ وَٱلشِّتَاءِ وَٱلرَّبِيعِ .

في ٱلصَّيْفِ __10__عِنْدَنا عُطْلَةٌ صَيْفِيَةٌ. الطَّقْسُ __11__ٱلصَّيْفِ حارٌّ. أشْهُرُ الصَّيْفِ هِيَ يُونيُوو يُولِيُو و__12__. كُنّا فِي ٱلصَّيْفِ في مُعَسْكَرِ __13__ٱلطّلائعِ. هذا ٱلمُعَسْكَرُ__14__ في ٱلجِبالِ. هُناكَ نَهْرٌ كَبِيرٌ. سَبَحْنا في ٱلنَّهْرِ وَلَعِبْنا بِأَلْعابِ رِياضِيْةٍ مُخْتَلِفَةٍ.

والخَريفُ مَشْهُورٌ بأمْطارِهِ و بُرُوقِهِ و __15__و هُوَ مَوْسِمُ ٱلفَواكِهِ. في تاجيكِسْتانَ كَثيرٌ مِنَ ٱلفَوَاكِهِ: التُّفّاحُ وَٱلرُّمّانُ وَٱلعِنَبُ وَ ٱلكُمَّثْرَى وَٱلبِطِّيخُ وَٱلشَّمّامُ. في ٱلخَرِيفِ نَذْهَبُ إِلَى ٱلمَدْرَسَةِ. الجَوُّ في ٱلخَرِيفِ مُعْتَدِلٌ. أشْهُرُ الخَرِيف هِيَ سِبْتَمْبَرُ و أُكْتُوبَرُ و__16__.

| | A | B | C | D |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) المُؤَلَّفَةُ | B) مُؤَلَّفَةٍ | C) مُؤَلَّفَةٌ | D) مُؤَلَّفَةً |
| 10 | A) يَكُونُ | B) أَكُونُ | C) تَكُونُ | D) نَكُونُ |
| 11 | A) علي | B) في | C) مِنْ | D) إلي |
| 12 | A) حُزَيْرانٌ | B) يَنايِرُ | C) تَمُّوزُ | D) أغُسْطُسُ |
| 13 | A) الطِّفْلَيْنِ | B) الطِّفْلُ | C) الطِّفْلانِ | D) ٱلأَطفالِ |
| 14 | A) وَاقِعاتٌ | B) وَاقِعِ | C) وَاقِعاً | D) وَاقِعٌ |
| 15 | A) رُعُودِهِمْ | B) رُعُودِهِنَّ | C) رُعُودِهِما | D) رُعُودِهِ |
| 16 | A) مايو | B) نُوفَمْبِرُ | C) تِشْرِينُ الأوَّلِ | D) تِشْرِينُ الثاني |

**17 أَيْنَ يَعْمَلُ الْفَلّاحُ؟**

A) في الصَّيْدَلِيَّةِ

B) في الْمَزْرَعَةِ

C) في المَعْمَل

D) في الْمُسْتَشْفي

**18 مِنْ أَيْنَ يَسْتَوْرِدُونَ التُّجارُ الْبَضائِعَ ؟**

A) مِنَ الْبُيوتِ

B) مِنَ الْمَتاحِفِ

C) مِنَ الْأَسْواقِ

D) مِنَ الْمَلاعِبِ

**19** **بِما تَتَنَفَّسُ الْإِنْسانُ الْهَواءَ النَّقْىَّ؟**

**A)** بالْفَمِ

**B)** بِالعيْنِ

**C)** بالْأُذُنِ

**D)** بالْأنْفِ

**20** **بِماذا تَحْصُدُ الْقَمْحَ؟**

**A)** بالْسِّكّين

**B)** بالْمِنْجَلِ

**C)** بالْمِنْشارِ

**D)** بالْمِطْرَقَةِ

**21** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** دُوشَنْبه وَ مُوسْكو | **1)** مُحِيطَانِ |
| **B)** الدَّجْلَةُ وَ الفُرَاتُ | **2)** عَاصِمَتَانِ |
| **C)** آسِيَا وَ إِفْرِيقِيا | **3)** نَهْرَانِ |
| **D)** الأَطْلَسِيُّ وَ الهَادِيُّ | **4)** قَرْنانِ |
| | **5)** قارَتَانِ |

**22** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** أَحْمَدُ عامِلٌ فِي | **1)** الطَّيَرانِ |
| **B)** شاكِرٌ مُدَرِّسٌ فِي | **2)** الْمَصْنَعِ |
| **C)** مُصْطَفَى طَيّارٌ فِي شَرِكَةِ | **3)** المَزْرَعَةِ |
| **D)** مَحْمُودٌ طَبِيبٌ فِي | **4)** الْمُسْتَشْفَى |
| | **5)** الْمَدْرَسَةِ |

**23** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** أَيْلولٌ
**B)** كانونُ الأَوَّلِ
**C)** آذارٌ
**D)** حُزَيْرانٌ

**1)** أَوَّلُ شَهْرِ الرَّبِيعِ
**2)** أَوَّلُ شَهْرالشِّتاءِ
**3)** أَوَّلُ شَهْرِ الخَرِيفِ
**4)** أَوَّلُ يَوْمِ السَّنَةِ
**5)** أَوَّلُ شَهْرِ الصَّيْفِ

**24** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** اليَوْمُ التَّاسِعُ مِنْ سِبْتَمْبِرَ
**B)** قَدْ اسْتَقَلَّتْ تاجِيكِسْتانُ في
**C)** عِيدُ الإِسْتِقْلالِ
**D)** تَحْتَفِلُ البِلادُ بِالإِسْتِقْلالِ

**1)** اِحْتِفالاً كَبيرًا
**2)** عِيدُ الإِسْتِقْلالِ
**3)** عِيدٌ مُهِمٌّ لِكُلِّ دَوْلَةٍ
**4)** عِيدُ العُمّالِ
**5)** السَّنَةِ ١٩٩١ م

**25** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** نَعْجَةٌ وَ تَيْسٌ
**B)** نَحيلٌ وَ وَثِيرٌ
**C)** نَحْنُ وَ أَنا
**D)** مَعَ وَ إِلي

**1)** الضَّمِيرُ
**2)** الْحَرْفُ
**3)** الصِّفَةُ
**4)** الإِسْمُ
**5)** الْفِعْلُ